# ДАР БОРАИ ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ ЧИРО БОЯД ДОНИСТ?

Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ низоми қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки бо мақсади **арзёбии воқеӣ ва одилонаи донишу маҳорати довталабон ва тақсимоти онҳо ба муассисаҳои таълимӣ** роҳандозӣ шудааст.

Довталаби гиромӣ! Барои ташкил ва баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ маҷмӯи принсипҳои муайян пешбинӣ шудаанд. Ҳама марҳалаҳои низоми ИМД (ба расми 1 нигаред) бо ҳам алоқаи мустаҳкам доранд, ки дар онҳо, пеш аз ҳама, хоҳиш ва **ҳуқуқи довталаб бартарӣ** дорад.

Барои таъмини **адолат** тартиби ягонаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимӣ муқаррар гардидааст.

Ба довталаб дар ҳолати норозӣ будан ҳуқуқи пешниҳоди аризаи апеллятсионӣ дода шудааст, ки онро комиссияи апеллятсионӣ ҳатман баррасӣ намуда, қарори дахлдор мебарорад.

Иштироки нозирон ва комиссияҳои ҷамъиятӣ дар ҷараёни имтиҳонҳо, шинос намудани ҷомеа бо меъёрҳои арзёбии донишу маҳорат, намоиши мустақими раванди имтиҳонҳо, эълони натиҷаи имтиҳонҳо ва ба воситаи кабинетҳои инфиродӣ огоҳ кардани довталабон аз натиҷаи онҳо **шаффофии** низоми ИМД-ро таъмин менамояд.

Мувофиқи принсипи **дастрасии баробар** довталабон дар **нуқтаҳои бақайдгирии ба макони зисташон наздик** ба қайд гирифта мешаванд.

Имтиҳонҳо дар марказҳои имтиҳони шаҳру ноҳияҳои интихобнамудаи **довталабон** бо забони тоҷикӣ ё русӣ баргузор мешавад. Забони имтиҳонсупориро худи довталаб дар вақти бақайдгирӣ интихоб менамояд.

Забони имтиҳонҳонсупорӣ барои довталабони ихтисосҳои Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, инчунин, филиалҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россияро интихобнамуда русӣ аст (ба истиснои субтести забони тоҷикӣ дар қисми А).

**Арзёбии одилонаи** имтиҳонҳо аз сифати саволу масъалаҳои тест, нусхабардории электронии варақаҳои ҷавобҳо ва истифодаи меъёрҳои ягонаи арзёбӣ вобаста аст.

Барои аз байн бурдани **таъсири омили инсонӣ ва амалҳои коррупсионӣ** дар тамоми марҳалаҳои ИМД технологияи муосир ба роҳ монда мешавад.

Мазмуни маводи имтиҳон бо барномаҳои давлатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **мувофиқ** аст. Таҳияи маводи имтиҳон ва баргузории имтиҳонҳоро **мутахассисони касбӣ** бо истифода аз технологияи муосир ба анҷом мерасонанд.

Ба Шумо **имконияти интихоб** дода шудааст. Метавонед аз **500 ихтисоси** пешниҳодшуда, ки дар **5 гурӯҳи ихтисосҳо** муттаҳид шудаанд**, то 12 ихтисосро** вобаста ба муассисаҳои таълимӣ, шакл ва намуди таҳсил интихоб намоед.

ИМД аз 2 қисм: **қисми А (имтиҳони умумӣ)** ва **қисми Б (имтиҳони ихтисос)** иборат аст, ки ҳар яки он **3 субтестро** дар бар мегирад.

Довталабоне, ки ихтисосҳои омодагии эҷодӣ ва маҳорат талабмекардаро интихоб намудаанд, барои иштирок дар озмуни чунин ихтисосҳо бояд **имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат** супоранд.

Бақайдгирӣ аз **1-уми март то 15-уми апрел** ва имтиҳонҳо **аз 1-ум то 12-уми июл** баргузор мегардад.

Довталабони ихтисосҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳоратдоштаро интихобнамуда бевосита дар муассисаҳои таълимии дахлдор **аз 20-ум то 30-юми июн** имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорат месупоранд.




**Расми 1.** Марҳалаҳои асосии ИМД

Ба ҳар довталаб дар шабакаи интернет **кабинети инфиродӣ** кушода мешавад, ки аз он ва ё ба воситаи **паёмаки телефонӣ (SMS)** ӯ оид ба натиҷаҳои имтиҳонҳо ва тақсимот ба муассисаҳои таълимӣ огоҳ гашта метавонад.

Ба гурӯҳҳои муайяни довталабон **имтиёзҳо – балҳои иловагӣ** пешбинӣ шудааст, ки онҳо *баъди ба даст овардани холҳои гузариши фаннӣ аз ҳамаи субтестҳои имтиҳон* дода мешаванд.

**Тақсимоти довталабон** ба муассисаҳои таълимӣ ба воситаи **барномаи махсуси компютерӣ** танҳо аз рӯйи бартарии интихобҳо, балҳои бадастовардаи довталабон ва нақшаи қабули донишҷӯён амалӣ мегардад. **Рӯйхати довталабони комёб** вобаста ба муассисаҳои таълимӣ ва ихтисосҳо ба муассисаҳои дахлдор дар **шакли электронӣ ва чопӣ** фиристода мешавад. Довталабони комёб бояд дар **мӯҳлати муқарраргардида** бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба муассисаи таълимӣ ҳозир шаванд.